# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна дар мавзуи “Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Истилоҳшиносӣ ҳамчун як қисмати илми забоншиносӣ таърихи куҳан дошта, аз давраҳои ташаккулёбии забони форсии миёна маншаъ мегирад ва як бахши муҳимми онро истилоҳоти тиббӣ ташкил медиҳад. Истилоҳоти тиббӣ дар давраҳои гуногуни густариши забони тоҷикӣ ташаккул ёфта, талаботи ниёзмандонро қонеъ мегардонад. Аз ин лиҳоз, мубрамият ва муҳиммияти мавзуи илмии Шодиматова Малика Каримбердиевна дар мавзуи “Хусусиятҳои луғавӣ – маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003 - 2023)” дар он зоҳир мегардад, ки омӯзиш ва таҳқиқи истилоҳоти тиббӣ дар асоси матбуоти даврӣ муайян карда мешавад. Омӯзиши истилоҳоти тиббӣ дар асоси маводи ВАО имконият фароҳам меоварад, ки вижагиҳои истилоҳоти ин бахш, аз ҷумла, таснифоти луғавию маъноии истилоҳои тиббӣ, заминаҳои пайдоиш ва этимологии истилоҳоти тиббӣ, хусусиятҳои калимасозӣ, нақши воситаҳои калимасози забони тоҷикӣ дар густариши истилоҳоти тиббӣ, гардишпазирии истилоҳоти иқтибосиву аслӣ ва мавқеи корбурди онҳо дар забони ВАО, ки инъикоскунандаи забони адабӣ мебошад, ошкор карда шавад. Аз ин рӯ омӯзиш ва баррасии хусусиятҳои лексикӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ асолат ва мубрамияти пажуҳиши мазкурро тақвият додааст.

Муҳтавои диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси илмии **10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат мекунад.**

Аз ин лиҳоз, таҳқиқи мазкур дар баробари таълифоти як силсила мақолаву рисолаҳои муҳаққиқони соҳа дар рада қарор гирифта, раванди ташаккул ва густариши истилоҳоти тиббии миллиро дар забони ВАО собит месозад.

Аз таҳлилу таҳқиқи адабиёти мутолиагардида ва таҳқиқоти анҷомёфта метавон ба чунин натиҷа расид, ки доир ба хусусиятҳои

луғавию маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббии забони матбуот дар забоншиносии тоҷик пажуҳиши комил анҷом дода нашудааст.

Маҳз барои ҳамин муҳаккиқ масъалаи таҳқиқу баррасии хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббиро дар асоси маводи ВАО мавриди баррасии илмӣ қарор додааст. Ба риштаи таҳқиқ кашидани хусусиятҳои луғавию семантикӣ, махсусиятҳои корбурди истилоҳоти аслӣ ва иқтибосӣ, роҳу усулҳои сохта шудани истилоҳоти тиббӣ ба хонанда имкон медиҳад, ки аз ҷараёни инкишоф ва гардишпазирии истилоҳоти тиббӣ дар як давраи муайян огоҳӣ пайдо кунад.

Ҳамчунин, вазифаи дигари таҳқиқ муайян намудани роҳҳои сохта шудани истилоҳоти тиббӣ, нақши вожаҳои аслӣ ва иқтибосӣ дар ташкили истилоҳоти тиббии миллӣ маҳсуб меёбад. Дар ин замина унвонҷӯй мавқеъ, корбурд, густариш ва гардишпазирии истилоҳоти тиббиро арзёбӣ карда, ҷойгоҳи истилоҳоти тиббиро дар забони ВАО ҳамчун инъикосгари забони адабӣ муайян намудааст.

Унвонҷӯй Шодиматова М.К. дар таҳқиқи мазкур навгонии мушаххасро дар раванди пажуҳиш пайгирӣ намуда, нахустин маротиба истилоҳоти тиббии забони воситаҳои ахбори оммаро аз лиҳози хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохторӣ муайян кардааст. Нуктаи дигари навгонии таҳқиқ дар он аст, ки маводҳои фаровон барои муайян кардани роҳу воситаҳои калимасозӣ ва семантикаи ташаккули истилоҳоти тиббӣ, омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва амалии истилоҳоти бахши тиб таҳлил ва баррасӣ гардидааст. Инчунин дар рисола таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббии забони матбуот бори аввал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, дар ҷараёни таълифи рисола хусусиятҳои этимологии истилоҳоти тиббӣ ва қолабҳои асосии калимасозии давраи қадим ва баъзе воситаҳои калимасозии имрӯза муайян карда шуданд.

**Аҳаммият ва арзиши илмию назариявии таҳқиқоти Шодиматова М.К.** дар мавзуи "Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)" дар он аст, ки натиҷаҳои илмии он метавонад ба сифати сарчашма дар дар таҳқиқи истилоҳоти илмии миллӣ, мураттаб намудани фарҳангҳои тафсирӣ,

соҳавӣ ба таври густурда истифода шавад. Ҳамзамон хулосаҳои бадастомада ва натиҷаҳои таҳқиқ ба сифати маводи илмӣ ва заминаҳои назариву методологӣ дар таҳқиқоти истилоҳоти тиббӣ аз тарафи муҳаққиқони минбаъда ба кор гирифта мешавад.

Ҷанбаи таҳқиқ ва арзишу аҳаммияти амалии таҳқиқ пеш аз ҳама дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ метавонанд ҳамчун замина ва асоси назариявӣ барои омӯзиши минбаъдаи истилоҳоти илмӣ истифода шаванд. Инчунин маводҳои ҷамъовардашуда ва натиҷаҳои таҳлили он барои истифода дар назария ва амалияи тарҷума мусоидат намуда, бахусус ҳангоми таҳияи луғатҳои соҳавии тиббӣ, муҳовараҳои дузабонаи тиббӣ маводи муҳим мебошанд. Хулосаҳои илмии таҳқиқ барои дарки дурусти истилоҳот, бартараф намудани баъзе ғалатҳои истифодаи истилоҳоти тиббӣ ва ислоҳи тарҷумаҳои носаҳеҳ имконият медиҳанд.

Масъалаҳо ва консепсияҳои илмии дар диссертатсия барои дифоъ пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ муҳим ва арзишманд мебошанд. Ин нукта дар он ифода ёфтааст, ки заминаҳо ва роҳу усулҳои сохта шудани истилоҳоти тиббӣ, дар заминаи истилоҳоти тоҷикӣ, арабӣ ва русӣ-аврупоӣ пайдо шудани истилоҳоти нави тиббӣ ва таҳаввули лексикаи соҳавии ин бахш, сабабҳои онҳо муайян карда шуданд.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, бобу зербобҳо, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат аст ва ҳаҷму мундариҷаи он ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй аст.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия **11 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин теъдод 3 мақола** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Мақолаҳои чопшуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ **мувофиқ мебошанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқарраротӣ ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақил ифода ёфтани нуктаи назари ӯ ва маърӯзаҳояш дар конференсияҳо собит мекунанд.

Ба ҳамин тартиб, диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна дар мавзуи “Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст, ба талаботи дисссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ:**

доктори илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи забони тоҷикии
МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” Низомӣ С.Ф.
16-уми майи соли 2025.

Нишонӣ: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, маҳаллаи Навбаҳор,
хонаи 622.
Телефон: (+992) 935154029.
E-mail: sanobarnizomova66@gmail.com

**Имзои Низомӣ С.Ф.-ро тасдиқ мекунам**:

сардори раёсати рушди кадрии МДТ
“Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино”,
н.и.т. Сафаров Б.И.
16-уми майи соли 2025.

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Сино 29-31,
Телефон: (+992) 44-600-39-77; факс: (+992) 235-34-96
E-mail: info@tajmedun.tj.